**ПРОТОКОЛИ № 46.2**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 18 декабри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи барасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, Ҳоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н., узви комиссия, д.и.и., профессор Раҳимов А.М. ва н.и.и., дотсент Асророва М.А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муртазозода Ораз, н.и.и., дотсент, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 28 феврали соли 2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**